Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Б050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ)

Муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити муносибатҳои иқтисодиёти бозоргонӣ рушди ташаккул ва рушди бозори шир яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳар як давлати мустақил мебошад. Зеро дар ин намуди низоми иқтисодӣ узви ҷудонашавандаи субъектҳои хоҷагидорӣ, воситаи ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва механизми асосии рушди хоҷагидорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар кишвар саноатикунонии иқтисодиёт ҳадафи муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертант Шамсов Ҷ.И. дар автореферат доир ба муайян намудани омилҳои нигаҳдорандаи ҳаҷми тақозо ва арза оид ба шир, ки он фаъолияти субъектҳои бозори минтақавии ширро маҳдуд менамояд, имкони бозгӯи самти рушди бозорро фароҳам меорад таҳлилҳо гузаронидааст.Инчунин ӯ қайд намудааст, ки барои корхонаҳои истеҳсолкунанда ва коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ ва ҳам барои субъектҳои фурӯшандаи ин маҳсулот дар бозори минтақавӣ, ки дар умум ба кооператсия ва ҳамгироии минбаъдаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ ва корхонаҳои коркард бо назардошти ҳамгироии амудӣ нигаронида шудааст.

Қобили зикр аст, ки диссертант дар раванди таҳқиқот фарқиятҳои назарраси минтақавӣ ба зуҳури тамоюлҳои умумӣ ва шакли афзоиши бозори шир дар минтақа таъсир мерасонанд таҳлил намудааст. Инчунин, ҳамаи ноҳияҳои вилояти Хатлон аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Пурсише, ки дар байни хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон доир ба мавзуи дар куҷо афзалтар будани фурӯши шир ва маҳсулоти ширии истеҳсолкардаашон нишон дод, ки аксари пурсидашудаҳо бозори минтақаро афзалтар медонанд, гарчанде ки қисми муайяни маҳсулот ба миёнаравон мефурӯшад, аз ин рӯ, дар ин дар ҳолате, ки шумораи ҷавобҳо аз шумораи посухдиҳандагон муҳимтар аст дар (саҳ. 17, диаграммаи 2) оварда шудааст.

Дар автореферат муаллиф сифати маҳсулоти шириеро, ки дар вилоят фурӯхта мешаванд, мавриди омӯзиш қарор додааст. Хароҷоти баланди истеҳсолот ба нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии корхонаҳои коркарди шир бевосита таъсир мерасонад, ки муаллиф дар (ҷадвали 6, саҳ.20) таҳлил намудааст. Вилояти Хатлон таъминкунандаи

шир барои корхонаҳои коркарди шир мебошад ва қисми асосии ашёи хом бевосита аз ҷониби намояндагони корхона омода карда мешавад ва шир бо назардошти миқдор ва сифати он ва бо содироти минбаъда тавассути нақлиёти ширбар қабул карда мешавад. Фоидаи гирифташуда бошад, на ба рушди истеҳсолот ва таҷдиди фондҳои асосӣ, балки барои пардохти захираҳои сӯзишворию энергетики равона карда мешавад. Дар давраи мавриди омӯзиш коҳиши таъминоти шир ва мушкилоти фурӯши он боиси кам шудани истеҳсоли маҳсулоти ширии тайёр дар корхонаҳои шири минтақа гардид.

Диссертант дар (саҳ.22) пешниҳод гардидааст, ки модели иқтисодӣ-математикӣ таҳия кардааст, ки он дар бораи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии шир ва маҳсулоти ширии вилояти Хатлон дар соли 2019, саршумори чорво маълумотро дар бар мегирад. Бо ёрии модел ҳаҷми оптималии истеҳсоли шир дар минтақа, тақозои пардохтпазирии дохилии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти хароҷоти стандарта барои ғизо ва меҳнат муайян карда шуданд. Варианти оптималии ҷойгиркунии чорво дар минтақаҳои вилояти Хатлон ёфт шуд, ки он роҳҳои истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолиро дар зеркомплекси минтақавии ширу озуқаворӣ пурра ба назар мегирад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд, ки онҳо ислоҳи саривақтиро тақозо менамоянд.

Дар ҷаҷмӯъ камбудиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Бинобар ин, қайд намудан зарур аст, ки автореферати Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Б050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мутобиқ ва ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии доктор аз рӯйи ихтисоси 6Б050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Муқарриз, н.и.и., мудири шӯбаи омӯзиши
равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ Файзуллоева К.Н.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Имзои Файзуллоева К.Н
тасдиқ менамоям нозир, оид ба кадрҳо
Икромова М.Ҷ.